## 118098 - Издивоҷи мусулмонзан бо марди ғайримусулмон ботил аст ва ҳамбистарӣ бо ӯ зино ҳисобида мешавад

**савол**

Мавқеи Ислом нисбати мусулмонзане, ки бо марди ғайримусулмон издивоҷ кардааст, чӣ гуна аст? Зеро ӯ ба ин чиз ниёз дошт, яъне ба ин издивоҷ маҷбур шуда буд?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Издивоҷи мусулмонзан бо марди кофир ҷоиз нест ва ин никоҳ дуруст намебошад.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَلاَ تُنكِحُواْ الْمُشِرِكِينَ حَتَّى يُؤْمِنُواْ

(سورة البقرة: ٢٢١).

**«Ва ба мардони мушрик то имон биёваранд, занони мӯъминаро мадиҳед».** (Сураи Бақара: 221).

Аллоҳ таъоло фармудааст:

فَإِنْ عَلِمْتُمُوهُنَّ مُؤْمِنَاتٍ فَلا تَرْجِعُوهُنَّ إِلَى الْكُفَّارِ لا هُنَّ حِلٌّ لَّهُمْ وَلا هُمْ يَحِلُّونَ لَهُنَّ

(سورة الممتحنة: ١٠).

**«Пас, агар ононро занони мӯъмин ёфтед, ононро ба сӯи кофирон бознагардонед. На инон (занони мӯъмин) бар онон (мардони кофир) ҳалоланд ва на онон (мардони кофир) бар инон (занони мӯъмин) ҳалоланд».** (Сураи Мумтаҳана: 10).

Маҷбур будани мусулмонзан ба ин чиз, узре нест, ки бояд ба ин издивоҷ розӣ шуда ба он

гардан ниҳад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Фармонбардории махлуқ дар маъсияту нофармонии офаридгор (Аллоҳ) ҷоиз нест».**

Ин никоҳ ботил ва ҳамбистарӣ бо ӯ зино ҳисобида мешавад". Поёни сухан.

"Ал-Мунтақо мин фатово-л-фавзон" (3/174).